# ТОҶИКИСТОН: МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ
## (Ҳисоботи тадқиқоти сотсиологии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба коррупсия дар соли 2015)

***Аҳамияти масъалаи тадқиқот.*** Супориш доир ба ташкили мониторинги вазъи иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013 № 1504 «Доир ба Стратегияи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020» дарҷ шудааст. Баргузории тадқиқоти муфассал дар ин самт, аз он ҷумла тадқиқоти сотсиологӣ, бевосита дар Стратегияи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013 – 2020 низ қайд шудаст. Тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд барои Тоҷикистон, аз он ҷумла бо таъмини баргузории мунтазами (на камтар аз як маротиба дар давоми се сол) тадқиқоти сотсиологии коррупсия пайваст мебошад. Аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) чунин тадқиқот дар солҳои 2006, 2010, 2011 ва дар охири соли 2015 гузаронида шуд.

***Методология.*** Пурсиши сотсиологии масъалаҳои коррупсия аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) дар давоми моҳҳои август – ноябри соли 2015 баргузор гардид.

Дар раванди ташкили тадқиқот тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти Истанбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тавсияи 2 – «Баргузории мунтазами (на камтар аз як маротиба дар давоми се сол) тадқиқотҳои сотсиологии воридшавии коррупсия ба шохаҳои давлатдорӣ ва мақомоти давлатии идоракунӣ, бо истифодаи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таҳияи сиёсати зиддикоррупсионии ҷумҳурӣ бояд таъмин шавад. Методологияи тадқиқоти мазкур фаъолияти мақомоти давлатии идоракунӣ ва худидоракунии маҳаллиро бояд фаро гирад. Дар тадқиқот на танҳо муносибати аҳолӣ ба коррупсия, балки тавсияи «таҷрибаи бархӯрд бо он бояд таҳлил шавад» низ ба инобат гирифта шудааст.

Дар тадқиқот кӯшиши таъмини фарогирии ҳамаи шохаҳои идоракунии давлатӣ; таҳлили таҷрибаи бархӯрд ва муқовимати аҳолӣ бар зидди коррупсия; баҳогузории таҳдиду хатарҳои коррупсионӣ амалӣ шудааст.

Дар ин раванд бештар усули миқдорӣ, яъне мусоҳиба аз рӯйи пурсишномаи (анкетаи) стандартӣ истифода бурда шуд. Пурсиш бо се гурӯҳи мусоҳибон: аҳолӣ (хонаводаҳо), соҳибкорон ва кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ (дар сатҳи марказӣ – вазорату кумитаҳо, дар сатҳи минтақавӣ – мақомоти маҳаллии идоракунии шаҳру ноҳияҳо) анҷом гирифт. Дар маҷмӯъ, дар пурсиши сотсиологӣ 2993 мусоҳиб иштирок намуданд.

**Ҷадвали 1**.

**Тақсимбандии пурсиши сотсиологӣ аз рӯйи гурӯҳҳои мусоҳибон**

| № | Гурӯҳи мусоҳибон | Миқдори пурсишномаҳо | Тақсимоти фоизӣ аз рӯи мусоҳибони асосӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | **Шаҳрвандони қаторӣ (аҳолӣ)**<br>аз он ҷумла: | **1467** | **100,0%** |
| | – мард | 748 | 51,0% |
| | - зан | 719 | 49,0% |
| 2. | **Соҳибкорон**<br>аз он ҷумла, шуғл бо фаъолияти хусусӣ: | **616** | **100,0%** |
| | - дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ | 151 | 24,5% |
| | - дар соҳаҳои саноат | 90 | 14,6% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - дар соҳаҳои хизматрасонӣ | 375 | 60,9% |
| **3.** | **Хизматчиёни давлатӣ**<br>аз он ҷумла, кормандони: | **910** | **100,0%** |
| | - кумитаю вазоратхо | 325 | 35,7% |
| | - мақомоти маҳаллии идоракунӣ | 585 | 64,3% |

Бо тадқиқоти мазкур фарогирии чунин минтақаҳои кишвар таъмин гардид - пурсиш дар 36 шаҳру ноҳияҳои кишвар гузаронида шуд:

– шаҳри Душанбе (ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур,);

– шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, ноҳияҳои Рашт, Рӯдакӣ, Ҳисор, Ҷиргатол);

–шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Чкаловск, Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Ғончӣ);

–шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Восеъ, Данғара, Ёвон, Ҷомӣ, Муъминобод, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Хуросон);

–шаҳру ноҳияҳои ВМКБ (шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Ишкошим, Рӯшон, Роштқалъа).

**Ҷадвали 2.**

**Тақсимбандии пурсиши сотсиологӣ аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ**

| № | Минтақаҳо | Миқдори пурсишномаҳо | Тақсимоти фоизӣ аз рӯи мусоҳибони асосӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Душанбе | 761 | 25,4% |
| 2. | Ноҳияҳои тобеи Марказ | 493 | 16,5% |
| 3. | Вилояти Хатлон | 902 | 30,1% |
| 4. | Вилояти Суғд | 683 | 22,8% |
| 5. | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 154 | 5,1% |
| | **Ҳамагӣ** | **2993** | **100,0%** |

Таҳлили эмпирикии маълумот бо истифода аз барномаи коркарди маълумот, махсусан, барномаи SPSS сурат гирифт.

Хусусияти пурсиши сотсиологии мазкур дар муқоиса бо тадқиқотҳои сотсиологии масъалаҳои коррупсия, ки Марказ пештар (то соли 2015) гузаронида буд, бештар пайваст аст бо кӯшиши:

- фаро гирифтани мақомоти давлатии идоракунӣ бо таҳияи пурсишномаи алоҳида;
- арзёбии амалиётҳои коррупсионӣ дар раванди ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ.
- 

**Ҷадвали 3.**

**Пурсиши сотсиологии масъалаҳои коррупсия дар силсилаи тадқиқоти Марказ**

| | Гурӯҳи мусоҳибон | соли 2006 | соли 2010 | соли 2011 | соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ дар пурсиш иштирок намуданд,<br>аз он ҷумла: | 2054 | 3000 | 1144 | 2993 |
| 1 | Шаҳрвандони қаторӣ (аҳолӣ) | 1769 | 1842 | 1000 | 1467 |
| 1 | Соҳибкорон | 285 | 609 | 144 | 616 |
| 3 | Кормандони мақомоти давлатӣ | 829 | 549 | | 910 |

## *ХУЛОСАҲОИ УМУМИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТИ МАЗКУР*

***1. Назари мусоҳибон ба вазъи коррупсия дар кишвар:***

- масъалаи коррупсия дар қатори проблемаи ҳассоси ҷомеа аз тарафи нисбатан камтари мусоҳибон (танҳо 15% мусоҳибон) қайд гардид. Бештари онҳо мушкилоти афзоиши нарх, бекорӣ ва музди пасти меҳнатро баён намуданд (на камтар аз 45% мусоҳибон).

**Диаграммаи 1**

**Масъалаҳои ҳассоси ҷомеа (тақсимоти фоизии мусоҳибон)**




Бояд қайд намуд, ки дар маҷмӯъ фарқиятхои минтақавӣ дар шиддатнокии масъалаҳои номбаршуда на чандон ба назар мерасад.

**Ҷадвали 4**

**7 проблемаҳои асосие,**
**ки нисбатан бештари мусоҳибон–шаҳрвандон қайд намуданд**

| № | | Фоизи мусоҳибон | аз он ҷумла ҳудуди тағйирёбии ҷавобҳо дар миқёси минтақаҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | фоизи нисбатан баландтар | фоизи нисбатан пасттар |
| 1. | Афзоиши нарх | 67,9% | 72,7% (мусоҳибони вилояти Хатлон, ВМКБ) | 63,3% (вилояти Сугд) |
| 2. | Бекорӣ | 51,8% | 56,3% (вилояти Хатлон) | 51,9% (ш. Душанбе) |
| 3. | Камбизоатии одамон, музди меҳнати паст | 45,6% | 47,9% (НТМ) | 35% (ш. Душанбе) |
| 4. | Нарасидани озуқаворӣ, маводи лозима | 17% | 22,2% (ш. Душанбе) | 12,8% (НТМ) |
| 5. | Тамаъкорӣ ва порагирии мансабдорон | 15% | 19,2% (вилояти Суғд) | 9,3 (ВМКБ) |
| 6. | Сари вақт надодани музди меҳнат | 10,9% | 18,1% (вилояти Суғд) | 7,4% (ВМКБ) |
| 7. | Ифротгароии (экстремизми) динӣ | 10,3% | 11,9% (ш. Душанбе) | 8,8% (НТМ) |

Ва бо дарназардошти сатҳи даромадҳои мусоҳибон дар ҷавобҳо шиддатнокии масъалаҳои мазкур низ кам фарқ мекунанд, яъне новобаста аз сатҳи даромад – афзоиши нарх, бекорӣ ва музди пасти кор ҳамчун се масъалаи ҳассоси ҷомеа аз тарафи аксарият (бештари ён) қайд гардид. Лекин ҳудуди тағйирёбии фоизи мусоҳибон, ки масъалаи тамаъкорӣ ва порагирии мансабдоронро қайд намуданд, назаррас аст – аз 13,1% (гурӯҳи мусоҳибон бо даромади то 1000 сомонӣ) то 32,6% (гурӯҳи мусоҳибоне, ки даромади аз 2001 то 2500 сомонӣ доранд).

**Диаграммаи 2**

**Тақсими фоизии гурӯҳи мусоҳибон – шаҳрвандон (вобаста аз даромади моҳона) нисбати масъалаҳои ҳассоси ҷомеа**




• лекин сатҳи коррупсия ба назари бештари иштирокчиёни пурсиш баланд аст (дар маҷмӯъ - 39% мусоҳибон инро қайд намуданд, махсусан бештар дар ҷавобҳои мусоҳибони ҳамчун бекор ва муҳоҷири меҳнатӣ муаррифишуда ба назар расид). Гарчанде, ки ба назари бештари кормандони мақомотҳои давлатӣ сатҳи коррупсия миёна аст (43% ин гурӯҳи мусоҳибон), лекин фоизи назарраси онҳо низ дар ақидаи баланд будани сатҳи коррупсия мебошанд (37% мусоҳибон).

**Ҷадвали 5**

**Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи арзёбии сатҳи коррупсия**

| | **Сатҳи коррупсия** | **Тақсими фоизии мусоҳибон** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* | *Кормандони мақомоти давлатӣ* |
| 1 | Баланд | 42,7% | 44,3% | 37% |
| 2 | Миёна | 41,6% | 38,9% | 42,9% |
| 3 | Паст | 15,7% | 16,7% | 10,9% |
| 4 | Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд | - | 0,1% | 9,2% |

Дар миқёси минтақаҳо - на камтар аз 40% мусоҳибон аз ш. Душанбе, вилояти Суғд ва ВМКБ сатҳи баланди коррупсияро қайд намуданд.

**Диаграммаи 3**

**Тақсими фоизии мусоҳибон–шаҳрвандон аз рӯйи арзёбии сатҳи коррупсия**
(дар миқёси минтақаҳои кишвар)




• тамоюли коҳиши сатҳи коррупсия аз тарафи бештари мусоҳибон на чандон ҳис мешавад (ин дар ҷавобҳои ҳамаи гурӯҳҳои мусоҳибон ба назар расид, аз ҷумла дар доираи: намояндагони аҳолӣ–на камтар аз 60% мусоҳибон, кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ– на камтар аз 46% мусоҳибон дар чунин ақида ҳастанд). Лекин дар доираи соҳибкорон беш аз 22% дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд ё аз ҷавоб худдорӣ намуданд.

**Ҷадвали 6**

**Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи назар ба тағйирёбии сатҳи коррупсия**

| | **Самти тағйирёбии сатҳи коррупсия** | **Тақсими фоизии мусоҳибон** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* | *Кормандони мақомоти давлатӣ* |
| 1 | Сатҳ тағйир наёфта истодаст | 23,9% | 24,8% | 20,7% |
| 2 | Тамоюли баландшавӣ дорад | 36,7% | 32,9% | 25,2% |
| 3 | Тамоюли пастшавӣ дорад | 19,0% | 20,1% | 36,7% |
| 4 | Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд | 20,3% | 22,1% | 17,4% |

Дар миқёси минтақаҳо – на камтар аз сеяки мусоҳибон тамоюли баландшавии сатҳи коррупсияро қайд намуданд. Дар баробари ин, на камтар аз 21% онҳо дар чунин баҳогузорӣ мушкилӣ кашиданд, махсусан ин дар ҷавобҳои мусоҳибон аз шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба назар расид.

**Диаграммаи 4**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон**
**аз рӯи назар ба тағйирёбии сатҳи коррупсия**




• ба назари бештари иштирокчиёни пурсиш сатҳи коррупсия нисбатан бештар дар сатҳи ҷумҳуриявии низоми мақомоти давлатӣ баланд аст (инро қариб 55% мусоҳибон аз ҷумлаи намояндагони хонаводаҳо қайд намуданд, махсусан бештар дар ҷавобҳои мусоҳибони ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ва корманди муассисаҳои иҷтимоӣ (маорифу тандурустӣ) муаррифишуда ба назар расид; на камтар аз нисфи мусоҳибон - хизматчиёни давлатӣ низ дар чунин ақида мебошанд).

**Ҷадвали 7**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи**
**“Дар кадом сатҳи идоракунӣ коррупсия бештар аст?”**

| | | Тақсими фоизии мусоҳибон | |
|---|---|---|---|
| | | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* |
| 1 | Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ | 54,7% | 41,5% |
| 2 | Дар сатҳи вилоятӣ | 9,3% | 13,0% |
| 3 | Дар сатҳи маҳаллӣ | 11,0% | 18,2% |
| 4 | Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд | 25% | 27, 3% |

Дар миқёси минтақаҳо фарқияти назаррас дар ҷавоб ба ин савол ба назар нарасид, яъне, аз як тараф, аксарият дар ақидаи нисбатан баланд будани сатҳи коррупсия дар сатҳи ҷумҳуриявӣ буда, аз тарафи дигар, на камтар аз 20% мусоҳибон дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд.

Ҳолати мазкур тасдиқ менамояд, ки фаъолият дар самти такмили низоми дастрасии аҳолӣ ба иттилоот, махсусан нисбати инкишофи низоми қонунгузорӣ, таҳия ва арзёбии иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ дар сатҳи маҳал бояд ҷоннок карда шавад.

**Диаграммаи 5**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи “Дар кадом сатҳи мақомоти давлатӣ коррупсия бештар аст?”**
(дар миқёси минтақаҳо)




*2. Таҷрибаи бархӯрд бо коррупсия:*

- тадқиқот нишон дод, ки воқеан фоизи ками мусоҳибон дорои таҷрибаи худии бархӯрд бо коррупсия (танҳо 18% мусоҳибони дар пурсиш иштирок карда) мебошанд. Лекин дар ҷавобҳои соҳибкорон таҷрибаи худии бархӯрд нисбатан бештар садо дод (на камтар аз 26% мусоҳибони соҳибкор қайд намуданд, ки чунин таҷриба доранд).

**Ҷадвали 8**

**Тақсими фоизии мусоҳибон–шаҳрвандон аз рӯйи ҷавоб ба саволи “Оё шахсан Шумо боре ба чунин ҳодиса дучор шудаед, ки сарфи назар аз он ки Шумо пора (ришва) додаед ё надодаед, дар ҳолати коррупсия қарор гирифта бошед?”**

| | | **Тақсими фоизии мусоҳибон** | |
|---|---|---|---|
| | | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* |
| **1** | Бале, ман дар чунин ҳолати коррупсионӣ қарор гирифтаам | 18,1% | 26,8% |
| **2** | Не, бо чунин ҳолати коррупсионӣ дучор нагардидаам | 79,6% | 70,5% |
| **3** | Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд | 2,3% | 2,7% |

Дар миқёси минтақаҳо ва гурӯҳи мусоҳибон аз рӯи сатҳи даромад фарқияти назаррас дар ҷавоб ба ин савол низ ба назар нарасид – аксарият (махсусан мусоҳибон аз ВМКБ ва мусоҳибони камдаромад (то 500 сомонӣ дар як моҳ) ва бо даромади баланд (аз 3000 сомонӣ болотар дар як моҳ)) бо вазъиятҳои коррупсионӣ бархӯрдор нашуда буданд.

**Диаграммаи 6**

**Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯйи ҷавоб ба саволи “Оё шахсан Шумо боре ба чунин ҳодиса дучор шудаед, ки сарфи назар аз он ки Шумо пора (ришва) додаед ё надодаед, дар ҳолати коррупсия қарор гирифта бошед?”**

*Дар миқёси минтақавӣ*

*Дар миқёси гурӯҳи мусоҳибон, ки дорои даромадҳои гуногун (дар як моҳ) мебошанд*







• Аксарияти мусоҳибон маълумоти асосиро доир ба равандҳои коррупсионӣ дар кишвар аз телевизион ва муҳокимаҳо бо дӯстону ҳамкорон пайдо менамоянд. Пурзӯр намудани фаъолияти ВАО нисбати инъикоси на танҳо ҳодисаҳои коррупсионӣ, балки васеъ паҳн намудани мисолҳои/ намунаҳои фаъолиятҳои содиқонаи кормандони мақомоте, ки қисмати аҳолӣ онҳоро ба истилоъ "коррупсионӣ" ҳисоб мекунанд, муҳим аст. Ин имконият медиҳад, ки тасаввуроти маҳдуду якпаҳлӯгӣ нисбати фаъолияти кормандони мақомоти мазкур аз байн паи ҳам гирифта шавад.

**Ҷадвали 9**

**Манбаҳои асосии дарёфти маълумот нисбати амалҳои коррупсионӣ, ки нисбатан бештари мусоҳибон–шаҳрвандон қайд намуданд**

| № | | Фоизи мусохибон | аз он ҷумла ҳудуди тағйирёбии ҷавобҳо дар миқёси минтақаҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | фоизи нисбатан баландтар | фоизи нисбатан пасттар |
| 8. 1 | Телевизион | 43% | 52,7% (мусохибони НТМ) | 40,6% (Душанбе) |
| 9. 2 | Гуфтугӯ бо дӯстон ва ҳимкорон | 21,8% | 27,6% (вилояти Хатлон) | 14,7% (ш. Душанбе) |
| 3 | Таҷрибаи худ | 18,1% | 22,6% (вилояти Хатлон) | 7,9% (НТМ) |
| 4 | Рӯзномаҳо | 17,1% | 20,7% (вилояти Суғд) | 12,2% (ш. Душанбе) |
| 5 | Шабакаҳои Интернет | 11% | 20,8% (ВМКБ) | 7,6% (НТМ) |
| 6 | Маҷаллаҳо | 10,9% | 19% (ВМКБ) | 9,7% (вилояти Хатлон) |
| 7 | Радио | 10,3% | 19,8% (НТМ) | 6,7% (вилояти Хатлон) |

• дар доираи нафарон, ки бо коррупсия бархӯрдор шуданд, нисбатан теъдоди зиёдтари амалиёти мазкур бо гирифтани шиносномаи дохилӣ ё хориҷӣ; дохил шудан ба мактаби зарурӣ ва бомуваффақият тамом кардани он; дарёфти қитъаи замин, тартиб додани ҳуҷҷат барои ҳуқуқ ба замин, пайваст гардонида шуд.

Чунин бахшҳоро бештари соҳибкорон низ қайд намуданд.Дар баробари ин, беш аз нисфи соҳибкорони дар пурсиш иштирок намуда, ба масъалаи фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ ишора намуданд.

**Ҷадвали 10**

**7 вазъияте, ки дар он бархӯрд бо коррупсия нисбатан бештар аз тарафи мусоҳибон қайд гардид**

| № | Тақсими фоизии мусоҳибон | |
|---|---|---|
| | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* |
| **1** | Барои гирифтани шиносномаи | Барои ҳал кардани мушкил бо |

| | | |
|---|---|---|
| | дохилӣ ё хориҷӣ (44,8%) | Бозрасии давлатии автомобилӣ (гирифтани гувоҳномаи ронандагӣ, санҷиши техникӣ, вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ) (50,5%) |
| **2** | Барои дохил шудан ба мактаби зарурӣ ва бомуваффақият тамом кардани он (43,1%) | Барои дарёфти қитъаи замин, тартиб додани ҳуҷҷат барои ҳуқуқ ба замин(50,2%) |
| **3** | Барои дарёфти қитъаи замин, тартиб додани ҳуҷҷат барои ҳуқуқ ба замин (42,8%) | Барои гирифтани шиносномаи дохилӣ ё хориҷӣ (50,2%) |
| **4** | Барои ҳал кардани мушкил бо Бозрасии давлатии автомобилӣ (гирифтани гувоҳномаи ронандагӣ, санҷиши техникӣ, вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ) (40,4%) | Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ(50,1%) |
| **5** | Барои дохил шудан ба мактаби олӣ, гузаштан аз як мактаби олӣ ба мактаби дигар (38,8%) | Ҳангоми муносибат бо сохторҳои мақомоти андоз (46,6%) |
| **6** | Ёфтани ҷой дар шифохона барои ҷарроҳӣ ё муолиҷаи бемории ҷиддӣ (37,9%) | Барои дохил шудан ба мактаби зарурӣ ва бомуваффақият тамом кардани он (46,2%) |
| **7** | Барои ёфтани кори лозимӣ ё вазифагирӣ (36,3%) | Ҳангоми гирифтани қарз дар низоми бонкӣ ва маблағгузории хурд (44,8%) |

- сабабҳои асосии иштироки шаҳрвандон дар амалиёти коррупсионӣ, ки бештар аз тарафи мусоҳибон қайд гардид– сатҳи пасти дониши ҳуқукии шаҳрвандон, хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема ва “аз ноилоҷӣ” мебошанд. Дар баробари ин, бештар аз сеяки кормандони мақомоти давлатӣ ҳамчун сабаб тамаъкории мансабдоронро баён намуданд. Дар дигар гурӯҳҳои мусоҳибон низ ин сабаб қайд гардида буд, лекин ҳиссаи дар чунин ақида будагон беш аз ду баробар камтар аст, на зиёда аз 14%.

**Ҷадвали 11**

**Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯйи баҳогузории сабабҳои асосии иштироки шаҳрвандон дар коррупсия**

| | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* | *Кормандони мақомоти давлатӣ* |
|---|---|---|---|
| 1 | Хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема (22,5%) | Аз ноилоҷӣ (22%) | Сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (52,6%) |
| 2 | Сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (17,7%) | Хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема (21,3%) | Хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема (48,8%) |
| 3 | Аз ноилоҷӣ (17,5%) | Сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (17%) | Аз ноилоҷӣ (34,8%) |
| 4 | Сатҳи пасти зиндагонӣ (14,0%) | Сатҳи пасти зиндагонӣ (15,9%) | Тамаъкории мансабдорон (32,7%) |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | Тамаъкории мансабдорон (13,9%) | Тамаъкории мансабдорон (13,5%) | Сатҳи пасти зиндагонӣ (27,8%) |

Хеле фоизи ками мусоҳибон равандҳои коррупсиониро ҳамчун анъана қабул доранд (на зиёда аз 6% мусоҳибон). Бештари мусоҳибон дар ақидаи он мебошанд, ки набояд пора дод (инро аксарияти –72% кормандони мақомоти давлатии дар пурсиш иштирок намуда ва 42% мусоҳибон аз ҷумлаи шаҳрвандон қайд намуданд).

*3. Коррупсия дар институтҳо ва муассисаҳои давлатӣ*

• арзёбии фаъолияти мақомоти гуногуни кишвар чунин натиҷа дод:

–дар доираи се мақомоти зоҳиран ва нисбатан поквиҷдон, ки аз тарафи бештари мусоҳибон – шаҳрвандон қайд гардид (бештар аз 45% онҳо) – иттифоқи касаба, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, воситаҳои ахбори умум мебошанд.

**Диаграммаи 7**

**Тақсими фоизии мусоҳибон–шаҳрвандон аз рӯйи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида (1)**




Лекин, дар баробари ин, қисмати назарраси мусоҳибон- шаҳрвандон дар баҳогузории ин мақомот (ба ғайр аз иттифоқи касаба) душворӣ кашиданд. Яъне агар нисбати бештар ғайрикоррумпӣ будани мақомоти иттифоқи касаба назару фикри зиёди мусоҳибон ба ҳам наздик бошад, чунин ақидаи наздик нисбати воситаҳои ахбори умум ва ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ қайд нагардид.

**Диаграммаи 8**

**Тақсими фоизии мусоҳибон–шаҳрвандон аз рӯйи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида(2)**



–дар арзёбии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои динӣ, артиш ва хадамоти иҷтимоӣ ва шуғл назари мусоҳибон хеле мухталиф буд, зеро ки тақсимоти фоизии ҷавобҳои онҳо нисбати коррумпӣ ё покviҷдон будани ин мақомот хеле наздик баромад, илова бар ин на камтар аз сеякашон мушкил будани чунин баҳогузориро қайд намуданд.

**Диаграммаи 9**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида (3)**




–дар баробари ин, дар доираи мақомоти зоҳиран ва нисбатан коррумпӣ бештар (ба ақидаи бештар аз 45% мусоҳибон) – хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ, Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА); маъмурият ва кормандони дармонгоҳ ва шифохонаҳо; мақомоти ҳифзи тартиботу ҳуқуқ (милитсия, прокуратура, бозрасии андоз); маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимоти олӣ ва мақомоти судӣ баён гардид.

**Ҷадвали 12**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида**

| | Мақомоту ташкилотҳои алоҳида | Зоҳиран ва нисбатан коррумпӣ ҳастанд | Зоҳиран ва нисбатан покviҷдонанд | Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ, Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) | 63,6 | 17,4 | 17,4 |
| 2 | Маъмурият ва кормандони дармонгоҳ ва шифохонаҳо | 57,8 | 24,9 | 17,2 |
| 3 | Мақомоти ҳифзи тартиботу ҳуқуқ (милитсия, прокуратура, бозрасии андоз) | 57,2 | 21,8 | 21 |
| 4 | Маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимоти олӣ | 52,9 | 27,8 | 19,3 |
| 5 | Судҳои поёнтар | 51,1 | 22,2 | 26,7 |
| 6 | Судҳои Олӣ (Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии арбитражӣ ) | 49,8 | 24,6 | 25,8 |

Ба ақидаи нисбатан зиёдтари мусоҳибон - шаҳрвандон мақомоти Хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ, Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) бештар ришвазада мебошад.

Ҷавобҳои мусоҳибон–кормандони мақомоти давлатӣ ба мусоҳибон-шаҳрвандон хеле наздик омад.

**Диаграммаи 10**

**Тақсими фоизии мусоҳибон– хизматчиёни давлатӣ аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида**




- нисбати арзёбии фаъолияти вазоратҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар ҷавобҳои мусоҳибон – шаҳрвандон фарқиятҳои минтақавӣ бештар назаррас аст.

Агар вазоратҳоро нисбатан бештари мусоҳибони НТМ ва Душанбе нисбатан поквиҷдон ҳисоб намуда бошанд, мусоҳибони вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ баръакс, ҳамчун бештар коррумпӣ қайд намуданд. Лекин азбаски тақсимоти фоизии мусоҳибон нисбати поквиҷдон ё коррумпӣ будани вазорату кумитаҳо кам фарқ мекунанд ( ба ғайр аз НТМ) ва дар аксарияти минтақаҳо (ба ғайр аз вилояти Хатлон) мусоҳибон дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд (на камтар аз сеяки онҳо), бинобар ин, масъаларо бештар кушод ҳисобидан лозим аст. Дар баробари ин, аҳамияти бештар иттилоотикунонии ҷамъият нисбати фаъолияти вазоратҳо тасдиқи худро ёфт.

**Диаграммаи 11**

**Тақсими фоизии мусоҳибон– шаҳрвандон**
**аз рӯйи баҳогузории сатҳи коррупсия дар вазорату кумитаҳо**
(дар микёси минтақаҳо)




Тадқиқот нишон дод, ки нисбати фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракунӣ, ки воқеан ба аҳолӣ бояд наздик бошанд, низ назару фикрҳои мусоҳибон - шаҳрвандон на танҳо мухталиф аст, қариб сеяки онҳо дар чунин баҳогузорӣ мушкилӣ кашиданд. Аз ин лиҳоз, на танҳо раванди иттилоотикунонӣ, балки худи фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракунӣ ба такмил ниёз дорад.

**Диаграммаи 12**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ** (дар микёси минтақаҳо)




Ҷавобҳои мусоҳибон–кормандони мақомоти давлатӣ ба мусоҳибон–шаҳрвандон нисбати баҳогузории сатҳи коррупсия дар вазорату кумитаҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ низ хеле наздик омад.

**Диаграммаи 13**

**Тақсими фоизии мусоҳибон–хизматчиёни давлатӣ**
**аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия**
**дар вазорату кумитаҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ**




• аз тарафи бештари мусоҳибони тадқиқоти мазкур равандҳои коррупсионӣ бештар бо пешниҳоди маблағи пулии муайян пайваст карда шуд. Чунин ҷавобҳо доир ба муомилоти коррупсионӣ дар муассисаҳои маорифу тандурустӣ нисбатан устувор буданд. Лекин қисмати назарраси мусоҳибон (на камтар аз 40%) доир ба шакли муомилоти коррупсионӣ дар мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва инспексияҳои наклиётӣ дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд. Яъне қисмати назарраси мусоҳибон назару ақидаи худро нисбати коррумпӣ будани ин ё он мақомот бо такя ба таҷрибаи худӣ ва "овозаҳо" иброз намуданд.

**Диаграммаи 14**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯйи шакли муомилаи коррупсионӣ дар мақомоти нисбатан бештар коррумпӣ баёншуда**




Дар баробари ин, ба назари нисбатан бештари мусоҳибон андозаи миёнаи муомилоти мазкур - то 100 сомонӣ ба кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ (махсусан -

тандурустӣ, таълим, ҳифзи ичтимоии аҳолӣ)  ва дар худуди аз 100 то 500 сомонӣ  ба мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, назорати  маводи нашъаовар, идоракунии замин ташкил менамояд.

Лекин дар маҷмӯъ, азбаски:

–фарқ дар ҳиссаи мусоҳибоне, ки то 100 сомонӣ ва мусоҳибоне, ки аз 100 то 500 сомониро ҳамчун андозаи миёнаи муомилоти коррупсионӣ қайд намуданд, хеле ва хеле кам аст, бинобар ин бештари андозаи муомилот бо ҳаҷми то 500 сомонӣ метавонад муаррифӣ гардад;

–ҳиссаи зиёди мусоҳибон дар муаррифии андозаи миёнаи муомилоти коррупсионӣ дар мақомот душворӣ кашиданд (на камтар аз сеяки онҳо), бинобар ин ҳаҷми андозаи муомилотро то андозае ба гумон  ҳисобидан лозим аст.

**Диаграммаи 15**

**Тақсими фоизии мусоҳибон–шахрвандон аз рӯйи андозаи миёнаи муомилоти коррупсипсионӣ дар мақомоти нисбатан бештар коррумпӣ баёншуда**




Сатҳи андозаи пора аз тарафи мусоҳибони соҳибкор барои пешниҳод ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, андоз, суд ва инспексияи нақлиётӣ дар ҳаҷми то 500 сомонӣ низ қайд гардид.

• аксарияти мусоҳибон масъалаи зиёд будани хароҷоти  ғайрирасмиро бештар дар чунин мақомот – низоми тандурустӣ, суд, тафтиши фаъолияти соҳибкорӣ ва дар раванди гирифтани замин баён намуданд (беш аз 64% мусоҳибон).

**Диаграммаи 16**

**Тақсими фоизии мусоҳибон – шаҳрвандон**
**дар арзёбии баланд будани хароҷоти ғайрирасмӣ  дар мақомот**



•зиддиятҳо дар баҳогузории фаъолияти низоми судӣ дар тадқиқоти мазкур ба назар расид. Аз як тараф, назари беш аз 55% мусоҳибон ба низоми судӣ манфӣ аст, зеро ки - “бисёриҳо намехоҳанд ба суд муроҷиат кунанд, чунки бовар надоранд, ки дар он ҷо адолатро меёбанд”(қариб 59% мусоҳибон, махсусан дар Хатлон ва ВМКБ инро қайд намуданд); “бисёриҳо намехоҳанд ба суд муроҷиат намоянд, чунки хароҷоти ғайрирасмиаш хеле зиёд аст” (беш аз 56% мусоҳибон, махсусан дар Суғд); “дар суд касе касе ғалаба мекунад, ки пули бештар медиҳад” (беш аз 56% мусоҳибон, махсусан дар Хатлон).

Дар баробари ин, дар маҷмӯъ, на камтар аз 50% мусоҳибон дар он ақида ҳастанд, ки - “Акнун шаҳрванд метавонад ба суд омада, ҳуқуқи худро ҳимоят намояд ва адолатро ёбад” (махсусан дар Хатлон).

Ва на камтар аз сеяки мусоҳибон дар тасдиқи ақидаи “акнун судҳо мустақил ва низоми судӣ одил аст” (махсусан дар Хатлон) мушкилӣ кашиданд.

**Диаграммаи 17**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон нисбат ба низоми судӣ**




*4. Равандҳои коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ*

• ба назари аз нисф зиёдтари мусоҳибон коррупсия, порагирӣ дар байни мансабдорон дар ҷумҳурӣ ҷой дорад. Дар миқёси минтақаҳо фарқияти назаррас дар чунин арзёбӣ ба назар нарасид. Танҳо бояд қайд намуд, ки дар Душанбе ва НТМ теъдоди нисбатан камтари мусоҳибон (камтар аз 50%) дар чунин ақида мебошанд ва дар минтақаҳои мазкур қариб сеяки мусоҳибон дар чунин арзёбӣ мушкилӣ кашиданд.

**Диаграммаи 18**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи “Ба фикри Шумо коррупсия, порагирӣ дар байни мансабдорони ҷумҳурӣ ба кадом андоза паҳн шуда аст?”** (дар миқёси минтақаҳо)




Ва бештариёни мусоҳибон - шаҳрвандон дар он ақида ҳастанд, ки “мансабдор маҷбур мекунад, ишора мекунад ё вазъиятро барои ин ба миён меоварад” (на камтар аз 33% мусоҳибон). Лекин на камтар аз чоряки мусоҳибон (махсусан дар ВМКБ ва Хатлон) ҷавоби “ҳар ду тараф пешакӣ медонанд, ки дар чунин ҳолат порадиҳӣ маъмул аст”-ро қайд намуданд.

Ба назари на камтар аз нисфи мусоҳибон – “одамон барои бой шудан мансаб мегиранд”(дар Душанбе қариб 75% мусоҳибон - шаҳрвандон чунин ҷавобро қайд намуданд).

Қариб сеяки мусоҳибон дар он ақида ҳастанд, ки кормандони мақомоти маҳаллии идоракунӣ пора мегиранд (дар вилояти Хатлон қариб 37% мусоҳибон ба ин ишора намуданд).

Дар баробари ин, бештари мусоҳибон бевосита бо мансабдор муносибати коррупсионӣ надоштанд (на камтар аз 41% мусоҳибон).

**Диаграммаи 19**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон**
**аз рӯи ҷой доштани муносибати коррупсионӣ бо мансабдор**
(дар миқёси минтақаҳо)




Онҳое, ки бо чунин амал бархӯрдор шуда буданд, мақсади додани пораро бо нисбатан зудтар ҳал намудани проблема пайваст намуданд.

Азбаски бештари чунин равандҳо, аз он ҷумла бо иҷрои ғайриодилонаи вазифаҳо аз тарафи мансабдорони сатҳи миёна вобаста мебошад, самтгирии амалиётҳои зиддикоррупсионӣ тамоми сатҳҳои идоракуниро бояд фаро гирад.

• сабабҳои эҳтимолии иштироки кормандони мақомоти давлатӣ дар равандҳои коррупсионӣ, ки бештар аз тарафи мусоҳибон қайд гардид (беш аз 50% мусоҳибон) – музди пасти меҳнати мансабдорон; сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ; набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай мебошанд.

**Ҷадвали 13**

**Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи баҳогузории сабабҳои эҳтимолии ба вуҷуд омадани коррупсия дар шохаҳои идоракунӣ**

| | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* | *Кормандони мақомоти давлатӣ* |
|---|---|---|---|
| 1 | Сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ (62,8%) | Сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ (57,4%) | Музди пасти меҳнати мансабдорон (68,6%) |
| 2 | Кори мансабдорон мувофиқи қоида хуб танзим нашудааст (58,3%) | Кашолкорӣ дар иҷозатномадиҳӣ ва мувофиқакунонии бисёр (иҷозатдиҳӣ аз арзнависӣ бештар аст) (56,9%) | Сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ (64,4%) |
| 3 | Набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз он ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай (57,6%) | Фаъолияти бади мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот (55,6%) | Набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз он ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай (64,2%) |
| 4 | Заифии низоми судӣ, аз он ҷумла иҷрои қарорҳои судӣ (56,1%) | Набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз он ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай (55,4%) | Кашолкорӣ дар иҷозатномадиҳӣ ва мувофиқакунонии бисёр (иҷозатдиҳӣ аз арзнависӣ бештар аст) (55,4%) |
| 5 | Сатҳи пасти маърифат ва фарҳанги мансабдорон (55,9%) | Кори мансабдорон мувофиқи қоида хуб танзим нашудааст (55,2%) | Заифии низоми судӣ, аз он ҷумла иҷрои қарорҳои судӣ (52,9%) |
| 6 | Кашолкорӣ дар иҷозатномадиҳӣ ва мувофиқакунонии бисёр (иҷозатдиҳӣ аз арзнависӣ бештар аст) (55,2%) | Сатҳи пасти маърифат ва фарҳанги мансабдорон (54%) | Кафолати заифи таъминоти шоистаи мансабдор баъд аз рафтанаш аз хизмати давлатӣ (52,7%) |
| 7 | Музди меҳнати пасти мансабдорон (54,6%) | Зиёд будани дастурамалҳои идоравӣ (қарорҳо, дастурҳою номаҳои расмӣ ва ғайра) (53%) | Кори мансабдорон мувофиқи қоида хуб танзим нашудааст (50,5%) |

• бештари мусоҳибон огоҳиро нисбати амали ҳукуматдорон дар раванди мубориза бо коррупсия надоранд (қариб 45% мусоҳибон), ки ин далели нисбатан суст будани раванди иттилоотикунонии мубориза бо коррупсия дар кишвар мебошад.

Дар баробари ин, нисбатан бештари мусоҳибон (беш аз сеяки онҳо) амали ҳукуматдоронро дар раванди мубориза бо коррупсия танҳо бо аз вазифа озод намудани мансабдорро пайваст менамоянд.

**Диаграммаи 20**

**Тақсими фоизии мусоҳибон - шаҳрвандон**
**аз рӯи амали ҳукуматдорон дар раванди мубориза бо коррупсия**
(дар микёси минтақаҳо)




Ба самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ нисбатан бештари мусоҳибон - шаҳрвандон баҳои миёнаро монда бошанд ҳам, лекин ҳиссаи нафароне, ки самаранокии фаъолиятро паст ҳисоб менамояд танҳо қариб 4% камтар аст. Илова бар ин, на камтар аз 1/5 ҳиссаи мусоҳибон дар чунин баҳогузорӣ душворӣ кашиданд.

**Диаграммаи 21**

**Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон**
**аз рӯи арзёбии самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ** (дар микёси минтақаҳо)




Бояд қайд намуд, ки ҷавобҳои мусоҳибон – кормандони мақомоти давлатӣ ба мусоҳибон - шаҳрвандон нисбати самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллӣ хеле наздик аст.

**Диаграммаи 22**

**Тақсими фоизии мусоҳибон - хизматчиёни давлатӣ**
**аз рӯи арзёбии самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ**




Ба назари бештари мусоҳибон таваҷҷӯҳ ба масъалаи кадрӣ дар мақомоти давлатии идоракунӣ яке воситаи асосии мубориза бо коррупсия мебошад. Дар баробари ин, фаъолияти дастаҷамъӣ дар самти бартараф намудани шароите, ки коррупсияро ба вуҷуд меоварад, муҳим баён гардид.

*5. Коррупсия ва соҳибкорӣ*

- ба ақидаи бештари мусоҳибон - шаҳрвандон вазъи соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар беҳтар шуда истодааст.

**Ҷадвали 14**

**Назари мусоҳибон ба вазъи соҳибкорӣ дар солҳои охир**

(ҳисса дар ҷамъбасти ҷавобҳо)

| | | *Аҳолӣ* | *Соҳибкорон* |
|---|---|---|---|
| 1. | Беҳтар шудааст | 42,4 | 40,0 |
| 2. | Тағйир наёфтааст | 23,2 | 23,7 |
| 3. | Бад шудааст | 19,3 | 22,9 |
| 4. | Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд | 15,0 | 13,4 |

- бештари мусоҳибони соҳибкор мушкилоти сатҳи баланди андоз, мураккабии гирифтани қарз, чигилии низоми андозситонӣ, ҳимояи пасти моликият ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ баҳогузорӣ намуданд (на камтар аз 44% мусоҳибон).

**Ҷадвали 15**

**Рейтинги монеаҳои ҷиддӣ ба рушди соҳибкорӣ**

(аз рӯи ҷавобҳои соҳибкорон)

| | *Монеаҳое, ки бештар баён шуданд* | *Фоизи соҳибкорон* |
|---|---|---|
| 1 | Сатҳи баланди мизони (ставкаи) андоз | 48,6 |
| 2 | Мураккабии гирифтани қарз | 47,5 |
| 3 | Чигилии меъёрҳои ҳуқуқи андоз (мураккаб будани тартиботи андозситонӣ) | 45,9 |
| 4 | Қарзи қимат (ставкаи баланди фоиз) | 45,9 |
| 5 | Ҳуқуқи моликият ҳифз карда намешавад | 44,1 |
| 6 | Муносибати яккхела надоштани бюрократия ба ширкатҳои гуногун | 42,9 |

| | | |
|---|---|---|
| | (ҳангоми шарҳу тафсири қонуну қоидаҳои амалкунанда ) | |
| 7 | Тафтишоти мунтазам ва талаботи беш аз ҳадди мақомоти назораткунанда | 42,9 |
| 8 | Танзими асъорӣ | 42,2 |
| 9 | Назорати давлатӣ ба нархҳо | 42,2 |
| 10 | Беғаразона набудан ва фасод (коррупсия) дар қарорҳои судӣ | 42 |
| 11 | Риоя кардани тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ хароҷоти зиёдро талаб мекунад | 41,6 |
| 12 | Амалияи мувофиқакунонӣ, иҷозатгирӣ барои роҳандозии бизнеси нав | 39,9 |
| 13 | Хароҷоти зиёд барои порадиҳӣ | 39,3 |
| 14 | Меъёрҳое, ки савдо бо давлатҳои хориҷиро танзим мекунанд (содирот/воридот) | 38,4 |
| 15 | Бизнеси шахсии мансабдорони олирутба | 38,4 |
| 16 | Ғайрисамарабахш будани низоми судӣ | 37,7 |

- бештари соҳибкорони дар тадқиқот иштироknамуда бо равандҳои коррупсионӣ бархӯрдор шуда буданд. Шиддатнокии пешниҳоди пора ба мансабдорон вобаста аз соҳаи шуғли соҳибкор гуногун баҳогузорӣ гардид – аз “ҳар ҳафта” (соҳибкороне, ки дар тиҷорат, сохтмон ва нақлиёт фаъолият менамоянд) то “1- 2 маротиба дар давоми сол” (нафароне, ки дар соҳаҳои саноат фаъолият менамояд).

**Диаграммаи 23**

**Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯйи арзёбии шиддатнокии додани пора ба мансабдорон**

*Соҳибкороне, ки дар соҳаҳои тиҷорат, нақлиёт, сохтмон фаъолият менамоянд*




*Соҳибкороне, ки дар соҳаҳои саноат фаъолият менамоянд*




Лекин дар раванди пурсидани таҷрибаи охири “ҳавасмандгардонии мансабдорон”на камтар аз сеяки мусоҳибон аз ҷавоб ба ин савол даст кашиданд.

Дар баробари ин, каме беш аз нисфи соҳибкороне, ки ба ин савол ҷавоб дода буданд ва тасдиқ намуда буданд, ки пора доданд, дар баёни мақомот ё ба кадом шохаи ҳокимият тааллуқ доштани он, ҳиссаи пора дар ҳаҷми гардиши ширкат худдорӣ намуданд.

Аз ҷавобҳои соҳибкорони боқимонда бармеоянд, ки дар ин гурӯҳ нисбатан аксарият бо мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия алоқаи коррупсионӣ доштанд ва ҳиссаи чунин хароҷот дар ҳаҷми гардиши ширкат аз 11 то 30% ташкил намуд.

Тафтишоти ғайримолиявии мақомоти назорат ва андоз бештар ташвишовар баён гардид.

Дар раванди муқобилият ба фишори коррупсионии мансабдорон бештари соҳибкорони дар мусоҳиба иштирок намуда, кӯшиши истифодаи ду воситаро–ба мансабдорон шикоят кардан аз амали ғайриқонунии зертобеони онҳо ва истифодаи китобчаи қайди тафтишот барои фаҳмидани давомияти тафтиши бизнес аз тарафи мақомоти назораткунанда қайд намуданд. Лекин ҳиссаи боз баландтари мусоҳибони гурӯҳи мазкур дар он ақида ҳастанд, ки истифодаи чунин воситаҳо бефоида аст, яъне амали коррупсионӣ ногузир аст.

*6. Пешниҳодҳо*

- таҷрибаи бе зикр намудани номи худ огоҳ кардани мақомоти дахлдор доир ба ҳодисаи коррупсия аз тарафи аксарияти мусоҳибон дастгирӣ карда шуд.
- баландтар намудани таваҷҷӯҳ ба сатҳи маҳаллии фаъолияти зиддикоррупсионӣ, такмили неру ва иқтидори мақомоти маҳаллии идоракунӣ омили баланд намудани сатҳи самаранокии фаъолият нисбати коҳиши коррупсия ҳисобида шуд.

Панҷ тадбирҳои асосӣ дар самти мубориза бо коррупсия, ки аз тарафи аксарияти кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ ҷонибдорӣ шуд, инҳоянд:

–тақвияти низоми арзёбии фаъолияти мансабдорон, аз кор озод намудани мансабдорони порахӯр;

–такмили низоми мониторинги иҷрои қонунҳои амалкунанда;

–пурзӯр намудани масъулияти ҷиноӣ барои порагирӣ;

–ҷоннок намудани назорату баҳогузориҳо ба кору фаъолияти мансабдорон;

–қабул кардани қонунҳое, ки таъқиб ва ҷазои порахӯронро таъмин менамоянд.

- тадбирҳои асосӣ дар самти мубориза бо коррупсия, ки аз тарафи аксарияти кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ қатъиян дастгирӣ карда нашуд (на камтар аз 55% мусоҳибон) – иҷозат додан барои гӯш кардани гуфтугӯйи телефонӣ, хондани мукотибаи шахсӣ; баланд намудани сатҳи андоз аз ҳамаи шаҳрвандон барои баланд бардоштани музди меҳнати мансабдорон ё барои равона кардани маблағи иловагӣ ба соҳаҳои тандурустӣ ва маориф мебошанд.
- алоқамандии бевосита байни ҳалли масъалаи коррупсия ва таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ҷой дорад, аз ин лиҳоз самтгирии фаъолияти зиддикоррупсионӣ заҳмати дастаҷамъии тамоми мақомоту идораҳоро талаб менамояд.
- фаъолият дар самти дастгирии рушди соҳибкорӣ бештар дар сатҳи маҳал бояд пурзӯр шавад. Дар ин раванд амалӣ кардани тадбирҳо нисбати таъмини огоҳии соҳибкорон доир ба иқдому барномаҳои рушд ва навгониҳо дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи лозимӣ тавсия мегардад. Таҳия ва қабули «Этикаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» ба беҳтар намудани робитаҳои соҳибкорон бо мақомоти давлатӣ ва фарогир намудани масъулияти иҷтимоии соҳибкорон метавонад мусоидат намояд.
- ниҳоят, дар маҷмӯъ, самтгирии муқовимат ба коррупсия бо баинобатгирии чунин тавсияҳо пайваст мегардад:

–ворид ва бозёфти механизмҳои назорату ҳавасмандиҳо нисбати таъмини арзишҳои баланди этикаи рафтор дар хизмати давлатӣ;

–такмил ва васеъгардонии низоми тарғибу ташвиқоти зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ;

- баланд бардоштани афзалиятнокӣ ва беҳтар намудани таъминоти захиравии фаъолият оид ба пешгирии коррупсия;
- устуворгардонии кафолатҳои конститутсионӣ ба шаҳрвандони кишвар;
- тақвият додани низоми назорати ахлоқӣ ва коркарди механизмҳои таъсирбахши пешгирии ихтилофи манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;
- коҳиши амалиёти маъмурӣ дар раванди пешниҳоди хизматҳои давлатӣ;

- баланд бардоштани сатҳи дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла низоми судӣ;

- дастгирии равандҳои шаффофияти фаъолияти мақомот ва ташкили ҳамкориҳои самаранок бо ҷомеа;

- баланд бардоштани самаранокии кори шӯроҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои машваратӣ;

- такмили сохтори мақомоти ғайридавлатии назорати иҷтимоӣ.